# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Раҳимзода Олим Шариф дар мавзӯи: «Оптимизатсияи ташхис ва муоличаи невралгияи баъдигерпесӣ», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯи ихтисоси 3.1.11. Неврология пешниҳод шудааст**

Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ. Невралгияи баъдигерпесӣ (НБГ) оризаи маъмултари сироятёбӣ аз вируси герпеси Zoster мебошад. Дарди баъдигерпесӣ метавонад даврӣ ё доимӣ бошад ва аксар вақт ҳамчун дарди сӯзанда, тези бурранда ё халанда тавсиф мешавад. Шиддати он хеле баланд ва тоқатнопазир буда метавонад.

Муайян шудааст, ки дар ҳолати НБГ на танҳо иннерватсияи дард, балки иннерватсияи симпатикӣ низ осеб мебинад, ки ин боиси вайроншавии микроциркуляция ва терморегуляция дар дерматоми зарардида мегардад. Норасоии танзими симпатикӣ синдроми дардро шиддат мебахшад.

Алоими комплексии дарди минтақавӣ намунаи классикии ҳамбастагии дард ва вайроншавии маҳаллии вегетативӣ мебошад. Он бо дарди музмини сӯзанда, варам, тағйироти ҳарорати пӯст ва вайроншавии афзоиши мӯйҳо зоҳир мегардад. Дар патогенези он даври баста ташаккул меёбад: дард фаъолияти системаи асаби симпатикиро зиёд мекунад, ки боиси вазоспазм ва бадшавии микрогардиш мегардад. Дар натиҷа вайроншавии трофикӣ ба вуҷуд меояд, ки дардро боз ҳам шиддат мебахшад. Ҳамин тавр, синдроми дард ва вайроншавии вегетативӣ якдигарро тақвият медиҳанд ва ба музминшавии раванд мусоидат мекунанд.

Аз ин рӯ, муътадилшавии ҳарорати маҳаллии пӯст ва нишондиҳандаҳои микрогардиш метавонад ҳамчун маркери клиникии динамикаи мусбӣ дар табобати НБГ ва дигар ҳолатҳои нейропатикӣ баррасӣ шавад. Ин нишондиҳандаҳо самаранокии муоличаро инъикос мекунанд, ки ба ислоҳи ҳам дард ва ҳам алоими нашвӣ равона шудааст.

Раҳимзода Олим Шариф соли 2014 ба ихтисоси “Кори табобатӣ”-и МДТ “ДДТТ  ба номи Абуалӣ ибни Сино” дохил шуда, онро соли 2020 хатм намудааст.  Пас аз хатми донишгоҳ аз соли 2020 то соли 2021 интернатураи клиникиро дар МД “Маркази миллии тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Шифобахш”” дар шуъбаи асаби 2 гузаштааст. Солҳои 2021-2023 дар ординатураи клиникӣ дар кафедраи асабшиносӣ ва асосҳои ирсияти МДТ “Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳсил намудааст. Аз соли 2023 то ҳоло ассистенти кафедраи асабшиносии МДТ “Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино” мебошад.

Кори диссертатсионии “Оптимизатсияи ташхис ва муолиҷаи неврлагияи баъдигерпесӣ аз муқаддима, 5 боб, 19 зербоб, хулоса, тавсияҳо ва руйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

Дар боби аввал таҳлили ҳамаҷонибаи адабиёти ватанӣ ва хориҷиро оид ба паҳншавӣ, омилҳои этиологӣ ва патогенез, таснифот ва хусусиятҳои клиникии НБГ анҷом дода шудааст. Дар ин боб нақши синну сол, омилҳои хавф ва механизмҳои ташаккули синдроми дард бо сатҳи баланди таҳлил нишон дода шудаанд. Боб заминаи назариявии боэътимодро барои тадқиқоти минбаъда фароҳам меорад.

Дар қисмати дуюм усулҳои клиникӣ, инструменталӣ (термометрия, термографияи инфрасурх, допплерография), анкетаву мусоҳиба, таҳлили статистикӣ ва фармакоиқтисодиро муфассал баён кардааст. Ин равиши комплексӣ имкон медиҳад, ки натиҷаҳои тадқиқот бо асоснокии илмӣ таҳлил шаванд.

Дар боби сеюм хусусиятҳои синдроми дардро дар беморони гирифтори НБГ таҳлил намуда, фарқияти шаклҳои шадид, зершадид ва музминро нишон

додааст. Натиҷаҳои термометрия ва таҳлили микрогардиш бо далелҳои рақамӣ асоснок шудаанд. Муайян гардид, ки ихтилолоти микрогардиш дар аксари беморон, махсусан дар шаклҳои камарӣ-чорбандӣ ва торакалӣ, бештар ба назар мерасад.

Дар ин боб нақшаи муолиҷаи маҷмӯӣ бо ворид намудани пентоксифиллин арзёбӣ шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки ин равиш ба коҳиши синдроми дард, беҳтаршавии гардиши хун ва барқароршавии тағзияи бофтаҳо мусоидат мекунад. Навовариҳои амалӣ дар таҳияи протоколҳои клиникӣ ва фардикунонии муолиҷа ифода мeёбанд.

Муаллиф натиҷаҳои бадастомадаро ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ асоснок намуда, аҳамияти онҳо барои амалияи клиникӣ ва рушди усулҳои нави ташхис ва муолиҷа таъкид кардааст. Боб бо тавсияҳои амалӣ анҷом меёбад, ки барои мутахассисон арзиши баланд доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот барои омӯзиши патогенези НБГ аҳамияти назариявӣ доранд ва метавонанд барои такмили протоколҳои клиникӣ ва таҳияи тавсияҳои амалӣ истифода шаванд. Арзиши амалӣ дар таҳияи усулҳои фардикунонидашудаи ташхис ва муолиҷа бо дарназардошти синну сол, марҳалаи беморӣ ва ҳолати микрогардиш ифода меёбад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаи асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд.

Нуқтаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Раҳимзода Олим Шариф дар мавзуи "Оптимизатсияи ташхис ва муолиҷаи невралгияи баълигерпесӣ" ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли

2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои тиббӣ аз рӯи ихтисоси 3.1.11. Неврология барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Роҳбари илмӣ:
номзади илмҳои тиб,
дотсенти кафедраи асабшиносии
МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии
Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» Исоева М.Б.
«21» 01 соли 2026.

Суроға: 734043, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кучаи Зарафшон 6, ҳуҷраи 2.
Телефон: (+992)918408079.
E-mail: hamidullo_12@mail.ru

Имзои Исоева М.Б.-ро
тасдиқ мекунам:
сардори раёсати рушди кадрии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино», н.и.т.
Сафарзода Б.И. ____________________

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино,
кучаи Сино 29-31.
Телефон: (+992) 446-600-3977, 2353496.
E-mail: info@tajmedun.tj
«21» 01 2026 г.